# Шарҳи моҳонаи таваррум • Январи 2019

**Дар моҳи январи соли равон сатҳи таваррум[1] раванди болоравӣ дошта, ба 0,6 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ба андозаи 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда ба сатҳи таваррум асосан афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквории 1,2 фоиз (саҳм дар таваррум 0,6 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз таъсир расонид. Ҳамзамон, коҳишёбии нархи молҳои ғайрихӯроквории ба андозаи 0,1 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Тағйирёбии сатҳи таваррум дар моҳи январи соли ҷорӣ асосан аз ҳисоби афзоиши нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквори, аз қабили себ, нок, ангур, помидор, бодиринг ва карам, ки вобаста аз таъсири омилҳои мавсимӣ ба вуқӯъ пайваст, ба қайд гирифта шуд. Инчунин, дар ин моҳ афзоишёбии нархи орди навъи якум низ ба қайд гирифта шуд, ки он 4,6 фоизро ( 0,5 б.ф.) ташкил дод.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба болоравии нархи орд дар ҷумҳурӣ пеш аз ҳама аз таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ, аз ҷумла қимат шудани нарх аз ҷониби кишварҳои содиркунанда, болоравии тарофаҳои кишварҳои транзитӣ ва баланд шудани андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ба ин намуди маҳсулот (аз 10 то 18 фоиз) арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, дар соли 2018 дар ҷумҳурӣ 14,6 фоиз кам гардидани истеҳсоли гандум нисбат ба соли 2017 низ нисбатан мусоидат намуд.

Бояд қайд намуд, ки болоравии нархи орд омили мавсимӣ буда, дар соли ҷорӣ бинобар мусоид омадани боду ҳаво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишвари содиркунанда (Ҷумҳурии Қазоқистон) фаровонии ҳосил пешгӯӣ карда мешавад, ки ба сатҳи муътадилии нархи он оварда мерасонад.

Болоравии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, ба андозаи 0,2 фоиз ба назар расид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қимат шудани нарху тарифаҳои хизматрасонии нақлиёти мусофирбар 2,3 фоиз (асосан аз ҳисоби қиматшавии мавсимии нархи чиптаи ҳавопаймои хатсайри байналмилалии Душанбе - Москва ба андозаи 21,2 фоиз) ба амал омад.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯроквори бошад, нархи маводи сӯзишворӣ вобаста ба поёнравии нархи бензини навъи АИ-92 5,0 фоиз ва гази моеъ 9,7 фоиз раванди коҳишёбӣ доштанд, ки ба ин пеш аз ҳама арзоншавии нархҳои воридотӣ ва аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлатӣ андешидани тадбирҳои зарурӣ (дар натиҷаи қабули

**Таваррумии моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таъсири омилҳои мавсимӣ ва берунӣ дар таваррум, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррум, бо % солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



қарорҳои марбута оид ба танзим намудани бозори фурӯши маводи сӯзишворӣ дар кишвар) бо мақсади дар сатҳи муносиб нигоҳ доштани нархи маҳсулоти нафтӣ арзёбӣ мегардад.

**Ҳамин тариқ, сатҳи таваррумии солона (дар 12 моҳи охир) тамоюли муътадили болоравӣ дошта, дар моҳи январи соли 2019 ба 5,7 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,3 б.ф. зиёд ва моҳи январи соли гузашта 0,8 б.ф. кам мебошад.**

Сатҳи таваррумии аслӣ** дар моҳи январи соли ҷорӣ 0,1 фоизро[2] ташкил дода, бо арзёбии солона ба 2,6 фоиз[3] баробар шуд. Ба ин раванд нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (нон ва маҳсулоти нонӣ), молҳои ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, маҳсулоти таъмир ва сохтмон, лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати танзими ҳаҷми пул дар муомилот ва нигоҳдории сатҳи муътадилии нархҳо сиёсати пулию қарзиро таҷдиди назар менамояд, то ин ки сатҳи таваррум дар интиҳои сол дар доираи нишондиҳандаи пешбинишуда 7%±2 нигоҳ дошта шавад.**

**Таваррумии аслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Нишондиҳандаи мақсадноки таваррумии солона барои давраи миёнамуҳлат, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор
[2] - м/м – моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[3] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

***Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 2 августи соли 2017 баргузор гардид, Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати гузариш аз низоми ҳадафгирии нишондиҳандаҳои монетарӣ ба низоми ҳадафгирии таваррум, нишондиҳандаи мақсадноки таваррумро барои давраи миёнамуҳлат муқаррар ва нашр намуд.***

**Таваррумии аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили чараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таваррумии умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таваррумии аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таваррумии аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёддошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабаби намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таваррумии аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ*

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | | | | | | | | | | Январ, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | | | | | | | | | | | | 2019 | |
| | | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **6,5** | **5,2** | **2,5** | **1,9** | **1,7** | **1,6** | **2,3** | **3,5** | **5,0** | **5,3** | **5,5** | **5,4** | **5,6** | **0,6** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **53,1** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **7,3** | **5,4** | **0,9** | **0,0** | **-0,5** | **-2,1** | **-1,9** | **0,7** | **4,8** | **5,6** | **4,9** | **4,9** | **6,3** | **1,2** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 17,5 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | -0,9 | -1,4 | -3,4 | -4,2 | -4,7 | -4,2 | -2,1 | -0,8 | 4,5 | 6,0 | 8,6 | 8,9 | 13,2 | 3,2 |
| Биринҷ | 2,9 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | -7,0 | -5,4 | 1,9 | 3,2 | 5,9 | 8,1 | 10,2 | 13,1 | 15,8 | 16,3 | 17,9 | 19,5 | 20,7 | 0,5 |
| Орд | 10,7 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 0,2 | -0,6 | -6,0 | -7,5 | -8,5 | -8,2 | -5,5 | -4,3 | 3,9 | 6,3 | 9,8 | 9,9 | 16,0 | 4,6 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,3 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 14,0 | 13,4 | 13,5 | 8,9 | 5,2 | 4,9 | 4,5 | 5,8 | 6,7 | 5,8 | 6,0 | 8,6 | 9,4 | 1,0 |
| Гӯшти гов | 5,4 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 15,0 | 14,1 | 14,0 | 7,8 | 3,0 | 3,0 | 2,8 | 5,1 | 6,1 | 5,7 | 5,7 | 8,9 | 9,7 | 0,1 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 0,1 | 1,9 | -0,6 | 2,4 | 4,7 | 0,1 | -4,2 | 0,0 | 7,7 | 11,5 | 7,6 | 3,9 | 1,8 | -1,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 3,7 | 4,6 | 2,3 | 5,0 | 6,1 | 3,7 | 3,9 | 3,9 | 3,4 | 6,0 | 3,9 | 4,1 | 2,6 | -0,1 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 6,3 | 4,5 | -2,2 | 4,1 | 7,2 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | -1,4 | 5,4 | 1,3 | 1,3 | -2,1 | 0,0 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,7 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 0,0 | -1,6 | -2,5 | -2,2 | -3,6 | -0,8 | 3,5 | 4,0 | 4,7 | 7,8 | 7,5 | 9,2 | 9,1 | -1,2 |
| Меваҷот | 4,3 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | -0,3 | 3,9 | 6,4 | 15,7 | 24,5 | 24,2 | 51,6 | 36,9 | 18,2 | 7,2 | 6,9 | 4,0 | 2,3 | 1,3 |
| Сабзавот | 6,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | 37,1 | 21,2 | -6,4 | -9,7 | -13,1 | -23,8 | -34,4 | -21,9 | -1,4 | 4,2 | -6,6 | -10,7 | -9,7 | 1,5 |
| Шакар | 2,4 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | -7,3 | -7,9 | -10,1 | -17,3 | -17,5 | -11,2 | -16,8 | -13,8 | -11,3 | -6,3 | -3,0 | 2,7 | 4,4 | -0,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,7 | 0,3 | 0,6 | 2,0 | 3,9 | 3,3 | 4,0 | 3,6 | 3,6 | 3,3 | 3,2 | 2,8 | 2,5 | -0,1 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **2,7** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **3,9** | **5,2** | **5,2** | **6,9** | **6,9** | **3,1** | **8,0** | **8,0** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **6,2** | **7,1** | **8,0** | **8,2** | **7,5** | **4,7** | **6,2** | **6,8** | **6,4** | **5,7** | **4,5** | **5,4** | **6,5** | **1,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **29,2** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **3,8** | **4,2** | **5,8** | **6,7** | **5,9** | **5,7** | **5,9** | **6,2** | **6,4** | **6,3** | **-0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,7 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 2,5 | 2,7 | 3,0 | 3,8 | 4,0 | 4,9 | 5,4 | 5,2 | 4,6 | 4,7 | 4,9 | 5,6 | 14,4 | 8,5 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,7 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 2,5 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,0 | 6,1 | 6,7 | 6,0 | 7,0 | 6,9 | 6,9 | 7,3 | 7,8 | 0,7 |
| Маводи шустушӯй | 1,8 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 3,1 | 4,0 | 4,0 | 3,3 | 1,5 | 0,7 | 1,9 | 1,9 | 3,2 | 4,9 | 5,7 | 6,2 | 6,2 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 0,7 | 2,2 | 2,2 | 0,8 | 1,2 | 1,9 | 4,7 | 4,5 | 9,2 | 7,7 | 9,3 | 10,4 | 10,7 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 25,9 | 17,2 | 14,1 | 8,9 | 11,9 | 26,4 | 27,1 | 20,4 | 14,1 | 15,5 | 18,1 | 12,2 | 7,2 | -5,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,3 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | 0,4 | -7,7 | -8,1 | -8,1 | -8,1 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -8,9 | -12,5 | -8,4 | -8,4 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,9 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 2,9 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,5 | 5,2 | 5,2 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 7,3 | 8,5 | 9,1 | 9,5 | 9,7 | 11,9 | 13,1 | 10,6 | 8,4 | 9,0 | 8,7 | 8,3 | 8,7 | 0,4 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,2** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **7,9** | **6,0** | **5,0** | **4,5** | **4,7** | **7,3** | **9,5** | **8,0** | **4,3** | **3,2** | **6,7** | **4,9** | **2,1** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,2 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 17,1 | 12,6 | 11,7 | 11,3 | 13,6 | 20,5 | 19,2 | 14,9 | 11,3 | 5,6 | 14,0 | 10,8 | 9,8 | -1,6 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,4 | 1,4 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 5,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 11,6 | 8,4 | 8,4 | 8,4 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 9,5 | 14,2 | 9,4 | 9,4 | 8,4 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,6 | 0,0 | 28,6 | 14,7 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | 14,9 | 14,9 | 14,9 | 14,7 | 14,7 | 14,7 | 0,6 | 14,9 | 14,9 | 14,6 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | -6,6 | 40,1 | 35,7 | 13,4 | 8,5 | 7,2 | 17,2 | 52,3 | 44,7 | 24,8 | 8,7 | 13,4 | 20,4 | 6,2 | 2,8 | -9,2 |
| Нақлиёт | 4,4 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 5,0 | 3,3 | 0,7 | -0,2 | -1,9 | -0,6 | 7,2 | 6,0 | -0,7 | 2,1 | 5,2 | 2,9 | -4,8 | 2,3 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 1,6 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 2,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,7 | 0,4 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,9 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 0,9 | 1,3 | 1,5 | 1,5 | 1,8 | 2,9 | 3,1 | 3,1 | 1,8 | 2,5 | 2,8 | 3,3 | 3,3 | 0,0 |

*Дар ҷадвали мазкур номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои истифодаи онҳо ба таври умум ё серистеъмоли аҳолӣ нишон дода шудааст. Аз ин лиҳоз, маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо